47902 - Калимоте, ки ҳангоми дафни маййит гуфтани он суннат аст.

савол

Аз рӯи суннат ҳангоми дафни маййит чӣ бояд гуфт?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шахсе, ки маййитро ба қабр мегузорад, барояш суннат аст, ки чунин бигӯяд:

بِسْمِ اللهِ، وَعَلَى سُنَّةِ رَسُولِ اللهِ

"Бисмиллоҳи ва ъало суннати расулиллоҳ".

(Ба номи Аллоҳ ва суннати расулуллоҳ).

Ё чунин мегӯяд:

بِسْمِ اللهِ، وَعَلَى مِلَّةِ رَسُولِ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيهِ وَسَلَّم

"Бисмиллоҳи ва ъало миллати расулиллоҳи саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам".

(Ба номи Аллоҳ ва миллати расулуллоҳ дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод).

Ин дуо дар ҳадиси Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ворид шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме, ки маййитро ба қабр мегузошт, мегуфт: "Бисмиллоҳи ва ъало суннати расулиллоҳ". (Ба номи Аллоҳ ва суннати расулуллоҳ).

Дар лафзи дигар омадааст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Вақте мурдаҳоятонро ба қабр мегузоред, бигӯед: "Бисмиллоҳи ва ъало суннати расулиллоҳ". (Ба номи Аллоҳ ва суннати расулуллоҳ). Дар ривояти дигар чунин омадааст: "Бисмиллоҳи ва ъало миллати расулиллоҳ". (Ба номи Аллоҳ ва миллати расулуллоҳ). Ривояти Абудовуд

(3213), Тирмизӣ (1046), Ибни Моҷа (1550), Ҳоким (1353) ва Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Аҳкому-л-ҷаноиз" (саҳ: 192) саҳеҳ шуморидааст.

Баъд аз дафн барои маййит истиғфор кардан ва барои ӯ устуворӣ талабидан суннат аст. Чуноне ки дар ҳадиси Усмон ибни Аффон (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омадааст, ки ӯ гуфт: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чун аз дафни маййит фориғ мешуд, дар назди ӯ истода мегуфт: "Барои бародаратон истиғфор кунед ва барои ӯ устувориро талабед, зеро ӯ ҳоло пурсида мешавад". Ривояти Абудовуд (3221) ва Албонӣ онро дар китоби "Аҳкому-л-ҷаноиз" (саҳ: 198) саҳеҳ шуморидааст.

(Шарҳи мухтасари ҳадис)

"Дар назди ӯ истода", яъне дар назди қабри ӯ истода.

"Барои бародаратон истиғфор кунед", яъне барои ӯ аз Аллоҳ мағфират талабед, яъне бигӯед: Эй Аллоҳ, ӯро мағфират кун.

"Ва барои ӯ устувориро талабед", яъне барои ӯ аз Аллоҳ талаб намоед, ки забонашро ҳангоми ҷавоб додан ба ду фариштаи устувор гардонад, яъне бигӯед: Аллоҳ ӯро дар сухани устувор собитқадам гардонад.

"Зеро ӯ ҳоло пурсида мешавад", яъне дар ин ҳолат ба назди ӯ ду фариштаи, ки номи он ду Мункар ва Накир аст, омада ӯро мепурсанд. Аз ин хотир, ӯ ба истиғфору устуворӣ эҳтиёҷи зиёд дорад.